**Қарори №26**

Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 022-и назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иштирок доштанд:
Аз 27 нафар аъзо Шӯрои
диссертатсионӣ 20 нафар,
аз рӯйи ихтисос 5 нафар

аз 29 августи соли 2019

**Рӯзнома:**

2.Дар бораи иҷозат додани диссертатсияи Исмоилзода Зинатуллоҳ Бурҳон дар мавзӯи **«Оҳанги иҷтимоӣ дар публитсистикаи муосир (дар мисоли публитсистикаи Асадулло Саъдуллоев)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Журналистика (роҳбари илмӣ академик Имомзода М.С.) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ба ҳимоя.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор Саъдуллоев Ҷ.М. дар бораи мавҷуд будани коркард ва номгӯйи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои иҷозат додани диссертатсия ба ҳимоя.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, Гулназарова Ж.Б. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Исмоилзода Зинатуллоҳ Бурҳон – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро дар сомонаи www.tnu.tj ҷойгир намудааст. Хулосаи комиссияи ташхис бо имзои аъзоёни комиссияи ташхис вуҷуд дорад.

Бинобар ин барои иҷозат додани диссертатсияи мазкур барои ҳимоя ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1.Диссертатсияи Исмоилзода Зинатуллоҳ Бурҳон дар мавзӯи **«Оҳанги иҷтимоӣ дар публитсистикаи муосир (дар мисоли публитсистикаи Асадулло Саъдуллоев)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз

рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Журналистика (роҳбари илмӣ академик Имомзода М.С.) ба ҳимоя иҷозат дода шавад;

2.Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда пешниҳод шавад;

3.Ба ҳайси муқарризони расмӣ доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи ВАО - и чопӣ ва PR - и муассисаи таълимии байни давлатии маълумоти олии Донишгоҳи (славянӣ) Руссия ва Тоҷикистон Муллоев Шариф Боқиевич ва номзади илми филологӣ, мудири кафедраи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Махкамова Дилором Юнусовна таъйин карда шаванд;

4. Таърихи рӯзи ҳимоя 02.01.2020 муайян карда шавад;

5.Барои гузоштани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва сомонаи КОА-и назди Президенти ҶТ иҷозат дода шавад;

6.Барои чопи автореферат ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад;

**Қарор қабул карда шуд:** тарафдор – 20 нафар, зид, бетараф – нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Саъдуллоев Ҷ.М.

Котиби илмии Шӯро,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарова Ж.Б.